Барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум!

ХАМРОЗИ ХАЛК

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 26 (479),
14 июли
соли 2022

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон

АЗ ПАРТАВИ ДАСТУРУ ҲИДОЯТҲО

... Такроран таъкид менамоям, ки соли ҷорӣ ва соли оянда барои аҳли башар аз ҳар ҷиҳат ва пеш аз ҳама, аз лиҳози таъминот бо озуқаворӣ солҳои бисёр вазнин ва душвортарин дар таърихи инсоният мегарданд.

Аз ин рӯ, роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла вилояти Хатлонро зарур аст, ки бо истифода аз тамоми имконияту захираҳои мавҷуда ҷиҳати пурра таъмин намудани иҷрои нақшаи чорабиниҳои қабулкардаи Ҳукумати мамлакат оид ба пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешанд.

****

... Махсусан, дар самти таъмин намудани фаровонии бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти ниёзи аввалия, ташкил кардани захираи кофии онҳо, пешгирӣ кардани болоравии беасоси нархҳо, ба роҳ мондани фаъолияти муназзаму устувори ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бомаром идома додани нақшаҳои созандагиву бунёдкорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармояи ватаниву хориҷӣ, истифодаи самараноки манбаъҳои мавҷуда ва сарчашмаҳои иловагии рушд ва дигар тадбирҳо ҳар як роҳбар ва шахси масъул бояд масъулияти баланд ва муносибати ҷиддӣ зоҳир намояд.

****

... Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла вилояти Хатлонро зарур аст, ки барои сари вақт ва беталаф ҷамъоварӣ намудани ҳосили ғалладона чораҷӯӣ намуда, кишти такрориро бештар аз ҳисоби картошка, шолӣ, маккадон ва лӯбиёгиҳо васеъ ба роҳ монанд.

****

... Бори дигар таъкид менамоям: ҳоло, ки фурсат ҳаст, яъне мавсими фаровонист, тамоми мардуми кишвар, ҳамаи ташкилоту муассисаҳо ва ҳар як оила бояд дар фикри таъминоти худ бошанд, ҷиҳати ҳарчи бештар истеҳсол кардани маҳсулот ва барои ду сол захира намудани маводи зарурии ғизой ҳамаи чораҳои заруриро андешанд, то ки дар фасли тирамоҳу зимистони дарпешистода танқисиву муҳтоҷӣ накашанд.

Яъне, мо бояд аз имрӯз сар карда, ба мавсими тирамоҳу зимистон омода шавем.

Хотирнишон месозам, ки дар ин масъала роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо масъулияти шахсӣ дошта, омодагии ҳар як оиларо назорат кунанд ва аз натиҷааш то 1-уми октябри соли 2022 ба Президенти мамлакат ҳисобот пешниҳод намоянд.

****

... Мо барои афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳамаи имкониятҳои зарурӣ – обу замин, таҷриба, деҳқонони асил ва мардуми заҳматқарин дорем.

Дар вилояти Хатлон чунин имкониятҳо нисбат ба дигар минтақаҳои мамлакат фаровонанд ва кишоварзони вилоят дар шароити ҳассоси имрӯза мета-

(Идома дар саҳ. 2)

НАТИҶАГИРӢ АЗ ШАШ МОҲ - саҳ. 2

ТИҶОРАТ УҒУЛОЙРО МУАРРИФӢ НАМУД саҳ. 4

ПИСТАИ ХУРОСОН, КОРКАРД ВА СОДИРОТ - саҳ. 5

ДОДАМРО БА КӢ ГӮЯМ? - саҳ. 6

(Идома аз саҳ. 1)

вонанд дар самти ҳифзи амнияти озуқаворию кишвар ва таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ беш аз ҳар вақти дигар саҳмгузор бошанд.

****

...Масъалаи дигаре, ки мо бояд дар шароити имрӯза ба он диққати аввалиндараҷа диҳем, дар заминҳои обӣ ба таври ҳатмӣ ба роҳ мондани кишти такрорӣ мебошад.

Мувофиқи маълумоти оморӣ ба ҳолати 1-уми июн дар вилоят дурнамои кишти такрорӣ ҳамагӣ 14 фоиз иҷро шуда, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо кишти такрорӣ умуман ба роҳ монда нашудааст, ки аз бемасъулиятии роҳбарияти соҳа дарак медиҳад.

****

...Дар шароити кунунӣ роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки бо истифода аз ҳамаи имкониятҳои мавҷуда, аз ҷумла аз ҷониби аҳолӣ дар заминҳои президентиву наздиҳавлигӣ зиёд намудани кишти такрориро аз ҳисоби картошка, шолӣ, маккадон ва лӯбиёгиҳо таъмин намоянд.

****

... Роҳбарону мутахассисони вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор карда мешаванд, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзӣ ва Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ҷиҳати истифодаи самаранокии заминҳо, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии онҳо, рияои қоидаҳои агротехника, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, гирифтани 3 – 4 ҳосил ва ба ин васила зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот тадбирҳои мушаххас андешанд.

****

... Роҳ надодан ба талафоти ҳосили ҷамъоваришуда ва дар мавсими тирамоҳу зимистон бо сабзавоту меваҷот таъмин намудани бозори истеъмолии дохилӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, бунёди сардхонаҳо бо технологияҳои муосири нигоҳдорӣ, махсусан, дар шароити ҳассоси имрӯза вазифаи аввалиндараҷа маҳсуб меёбад.

****

... Ба мардуми шарифи Тоҷикистон мурочиат карда, бори дигар таъкид менамоям, ки дар шароити ниҳоят ҳассоси ҷаҳони имрӯза мо бояд нисбат ба ҳар вақти дигар боз ҳам сарҷамъу муттаҳид бошем ва аҳлонаву содиқона заҳмат кашем.

****

... Мо бояд ба воҳимаву таҳлука наафтем, кор кунем, сарфаю сариштакор бошем, ба зиёдаравию исрофкорӣ, хусусан, исрофи нон роҳ надиҳем ва талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим»-ро ба таври қатъӣ риоя намоем.

****

... Муҳимтарин рисолати динӣ, виҷдонӣ ва имонии мову шумо – мардуми шарифи кишвар тарбияи фарзандон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба волидайн ва хизмат ба онҳо, гиромӣ доштани суннату арзишҳои миллӣ, омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар, расидан ба қадри истиқлолу озодии Ватан ва бо риояи моҳияту асли давлати демократӣ ва дунявиамон баргузор намудани расму ойинҳои милливу динӣ мебошад.

****

... Мову шумо вазифадорем, ки аз зоҳирпарастиву исрофкорӣ худдорӣ карда, имкониятҳои моддии худро барои осоиши хонадон ва таълиму тарбияи фарзандонамон сарф кунем, то онҳо бесавод намонанд, соҳиби илму дониш ва касбу ҳунар шаванд.

****

... Фаромӯш набояд кард, ки илму дониш рӯшноиву нур ва бесаводӣ роҳ ба сӯйи торикиву хурофот ва ҷаҳолат аст.

Ҷаҳолат, дар навбати худ, ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси буҳрону касодии ҷомеа мегардад.

www.prezident.tj
18.06.2022, н. Данғара
08.07.2022 ш. Душанбе

НАТИҶАГИРӢ АЗ ШАШ МОҲ

Санаи 12 июли соли равон дар толори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ҷаласаи ҷамъбастӣ оид ба фаъолияти соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти вилоят дар зарфи шаш моҳи сипаришудаи соли равон баргузор гашт.

Дар ҷаласаи корӣ муовини сарвазири мамлакат Зиёзода Сулаймон Ризой, раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода, роҳбарияти як қатор вазорату кумитаҳо, муовини якум ва муовинони раиси вилоят, муовини роҳбари дастгоҳи раиси вилоят, сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои мақомот, роҳбарияти ташкилоту идораҳои вилоятӣ, раисони шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва як қатор масъулони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи шаҳру ноҳияҳо ширкат доштанд.

Ҷаласаи кориро вобаста ба таҳлилу натиҷагирӣ аз соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти вилоят дар зарфи 6 моҳи сипаришудаи соли равон раиси вилоят Қурбон Ҳакимзода ифтитоҳ бахшид. Нахуст марбут ба дастуру пешниҳодоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тақвият бахшидани корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи самараноки замин, васеъ намудани майдони кишти зироатҳо, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, содироти маҳсулот ба хориҷи кишвар сухан гуфт.

Сипас, муовини аввали раиси вилоят Салимзода Амонулло Файзулло оид ба нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ дар давраи ҳисоботӣ аз нигоҳи таҳлилӣ ҳисобот пешниҳод намуд. Аз ҷумла гуфта шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ тибқи таҳлили нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ барои таъмини чор ҳадафи Стратегии кишвар, ки ба таъмини рушди устувори иқтисодиёт, пешгирии хавфҳои эҳтимолӣ вобаста ба таъсири омилҳои беруна, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, таъсиси коргоҳҳои нав, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳибкорӣ, бахусус дар самти истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, афзоиши содироти молу маҳсулоти гуногун, рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи вилоят, вусъат бахшидани корҳои ободониву созандагӣ, тадбирҳои зарурироо амалӣ намуда, дар нимсолаи аввали соли равон ба дастовардҳои мусбат ноил гаштаанд ва иҷрои нақшаву дурнамои тасдиқшударо таъмин кардаанд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар 6 моҳи соли ҷорӣ маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба 12 миллиарду 801,3 миллион сомонӣ расонида шуда, афзоиш 7,2 фоизро ташкил медиҳад.

Марбут ба иҷрои қисми даромади буҷет гуфта шуд, ки бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 101,6 фоиз таъмин ва ба буҷет 974,5 миллион сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки нисбати нақшаи пешбинишуда 15,7 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Бақияпулиҳои андоз дар вилоят ба ҳолати 1.06.2022 нисбати аввали сол 4,4 миллион сомонӣ кам гардида, 178,4 миллион сомониро ташкил медиҳад. Дар мавриди қарзи музди меҳнат зикр гардид, ки бо назардошти солҳои қаблӣ ба 1 уми июли соли равон 260,7 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 10,4 миллион сомонӣ кам гардидааст. Ҳамчунин дар ин давра Барномаи солонаи таъсиси ҷойҳои нави корӣ 32,2 фоиз таъмин гардидааст, гуфта шуд дар корӣ ҷаласа.

Зимни пешниҳоди ҳисобот ҳамчунин марбут ба дигар самтҳои фаъолияти хоҷагии халқи вилоят, аз ҷумла рушди соҳаҳои боғу токпарварӣ, моҳипарварӣ, парандапарварӣ, захираи дусолаи хӯроки чорво, сарсабзу хурамгардонии муҳити зист, тақвият бахшидани фаъолияти муассисаи давлатии хоҷагии ҷангали вилоят, фаъолияти раёсати беҳдошти замин ва обёрӣ, таъмири асосӣ ва ҷории роҳҳо, рушди соҳибкорӣ, содироти молу маҳсулот, маблағгузории соҳаи сохтмон, фаъолияти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва тадбирандешиҳо дар самти бартарафсозии камбудиҳои ҷойдошта ва тақвият бахшидани рушди соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти вилоят аз нигоҳи таҳлилӣ изҳори назар карда шуд...

Ҳамчунин иттилоъ доданд, ки саноатчиёни вилоят дар тӯли 6 моҳи соли равон ба маблағи 4 миллиарду 316 миллиону 227,5 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда, ҳаҷми истеҳсолро дар қиёс ба ҳамин давраи соли пешин ба маблағи 635 миллиону 236,6 ҳазор сомонӣ зиёд ва суръати афзоишро бо назардошти нархҳои қиёсӣ дар сатҳи 13,5 фоиз таъмин намуданд....

Мувофиқ ба иттилои масъулон дар давоми 6 моҳи соли равон аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 57 корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Восеъ -7, Хуросон, Ҷалолиддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ – 5 ададӣ, Данғара, Панҷ - 4 ададӣ, Қубодиён, Бохтар, Муъминобод, Шаҳритус -3 ададӣ, Кӯлоб, Норак, Темурмалик, Дӯстӣ- 2 ададӣ, Ёвон, Ҷайҳун, Абдураҳмони Ҷомӣ, Левакант, Фархор, Балҷувон, Кӯшониён - 1 ададӣ, корхона ва коргоҳҳои истеҳсолӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуда, дар ин замина 1050 нафар шаҳрвандони маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин гардиданд...

Муовини сарвазири мамлакат Зиёзода Сулаймон Ризой пас аз шунидани ҳисоботи роҳбарону масъулон оид ба фаъолияти соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти вилоят дар зарфи моҳҳои сипаришудаи соли равон фикру ақидаҳои худро вобаста ба тақвият бахшидани рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи вилоят баён намуд. Аз ҷумла таъкид карда шуд, ки бо назардошти вазъи сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ, тағйирёбии иқлим моро лозим меояд, ки аз қабл дида бештар баҳри тақвият бахшидани соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт талош варзем. Дастуру супоришҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи таъмини амнияти озуқаворӣ, истифодабарии оқилонаи замин, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, иҷрои ҳатмии Барномаҳои давлатӣ, вусъат бахшидани корҳои ободониву бунёдкориро дар амал татбиқ намуда, аз камбудиҳои мавҷуда хулосабарорӣ намоянд ва баҳри рушди минбаъдаи соҳаҳои хоҷагии халқи вилоят аз тамоми имконияту шароити мавҷуда пурсамар истифода баранд. Роҳбарону масъулонро муваззаф намуданд, ки дар ҳама самтҳо фаъолиятро боз ҳам хубтар ба роҳ монанд ва ба ин васила дар баландпоягии сатҳи иқтисодӣ, ғанӣ гаштани буҷети маҳал, беҳдошти вазъи иҷтимой мусоидат намоянд.

Шуъбаи таҳлилию иттилоотии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон

ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБИЁН

БАРГУЗОРИИ СЕМИНАР-МАШВАРАТ ВА АКСИЯҲОИ ҲИЗБӢ, ДОИР КАРДАНИ СУҲБАТҲО БО ШАҲРВАНДОН ДАР МАСЪАЛАИ ИСТИФОДАИ МАҚСАДНОКИ НЕРУИ БАРҚ, ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ҲАР ЯК ВАҶАБ ЗАМИН, ЧОРАҲОИ ПЕШГИРӢ АЗ ПАҲНШАВИИ БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ АЗ ҶУМЛАИ ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБИЁНИ ШАҲРУ НАВОҲИИ ВИЛОЯТ БУДАНД. ЁДОВАР МЕШАВЕМ, МАВОДИ ИН САҲИФА, КИ ШАММАЕ АЗ ИҚДОМОТИ ЗИЁДИ ТАТБИҚШУДА ҲАСТАНД, ҶАНБАИ ҲИСОБОТӢ ДОШТА, МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯАШОН БАР ДӮШИ МУТАСАДДИЁНИ КУМИТАҲОИ ИҶРОИЯИ ШАҲРИЮ НОҲИЯВӢ МЕБОШАД.

КӮШОНИЁН.

Сокинони деҳаи Қаҳрамони Ҷамоати деҳоти Ориёни ноҳияи Кӯшониён заминҳои наздиҳавлигиро самаранок истифода мебаранд.

Гурӯҳи кории Кумитаи иҷроияи ҲҲДТ дар ноҳияи Кӯшониён дар ҷамоати деҳоти мазкур бо усули хона ба хона вохӯриҳо ташкил намуда, вобаста ба самаранок истифода бурдани заминҳои наздиҳавлигӣ, пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ, тарбияи дурусти фарзандон, саҳмгузорӣ дар ободии маҳалли зист ба аҳолӣ суҳбатҳо оростанд.

ЁВОН.

Аз ҷониби сокинони ноҳияи Ёвон амалҳои созандагиву бунёдкорӣ бо маром идома дорад. Яке аз ташаббусҳое, ки сокинони зиёдеро ба ҳам овардаааст, Аксияи "Якҷоя месозем" мебошад. Боиси зикр аст, ки дар ноҳияи Ёвон дар доираи ин ташаббус сангфаршкуниву мумфаршкунӣ ва сохтмони иншоотҳои гигиенӣ ва дигар инфросохторӣ маҳаллӣ бо маром идома меёбанд.

Дар ҳошияи ин аксия бахшида ба таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатӣ сокинони деҳаи "Бустон-2" роҳи дохилӣ деҳаи худро сарҷамъона бо масъулияти хосса сангфарш намуданд.

ДАНҒАРА.

Бо мақсади шоиста истиқбол гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳаи Шамолдараи Ҷамоати деҳоти Себистони ноҳияи Данғара сохтмони муассисаи таълимии №30 барои 192 хонанда дар як баст оғоз гардидааст.

Муассиса дуошёна буда, аз 8 синфхона, 2 утоқи корӣ ва 1 синфхонаи компютерӣ иборат хоҳад шуд. Масъулини сохтмон ба нақша гирифтаанд, ки бунёди муассисаро дар кӯтоҳтарин фурсат ба анҷом расонанд.

ЛЕВАКАНТ.

Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии Муассисаи давлатии таълимии “ЛКСК”- и шаҳри Левакант бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ мизи мудаввар дар мавзӯи «Нақши Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон” баргузор гардид.

Дар ҳамоиш Олимзода Низора, раиси Кумитаи иҷроияи ҲҲДТ дар шаҳри Левакант аз ҷумла гуфт, ки 27 июни соли 1997 дар таърихи давлати ҷавони Тоҷикистон бо ҳарфҳои заррин дарҷ гардидааст. Ӯ атрофи нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар истиқрори давлатдории миллӣ, барқарорсозии сулҳу ваҳдат ва инчунин таъмини зиндагии шоистаи мардуми Тоҷикистон сухан гуфт. Зимнан, дар мизи мудаввар дигар иштирокдорон низ ибрози андеша намуданд.

А. ҶОМӢ.

Вобаста ба самаранок истифода бурдани заминҳои наздиҳавлигӣ ва президентӣ вохӯрии гурӯҳи корӣ дар ҳайати Муҳаммаддовуд Ҳалимзода-раиси Кумитаи иҷроияи ҲҲДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, Муъминзода Мастура Табарӣ-муовини раиси ноҳияи мазкур, вакили ҳизбӣ дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва Зарангез Давлатова - сармутахассиси ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бо вакилони ҷамоат, раисони маҳаллаҳо, эмомхатибон ва дигар фаъолони деҳаҳои ҳудуди ҷамоати деҳоти Якатути ноҳия, дар мавзӯъҳои вазъи мураккаби минтақа ва ҷаҳон, болоравии нархҳо бо сокинони маҳал вохӯриҳо доир намуданд.

Таъкид гардид, ки сокинонро зарур аст дастуру супоришҳои Президенти кишварро дар амал тадбиқ намоянд ва дар ин баробар масъулин бо мақсади шиносоӣ аз рафти иҷрои дастуру супоришҳо аз заминҳои наздиҳавлигии якчанд сокинони ҷамоати деҳоти мазкур дидан намуданд.

ДӮСТӢ.

Дар доираи Аксияи ҳизбии "Якҷоя месозем" аз ҷониби ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Деҳаи Ваҳдат"-и Ҷамоати деҳоти Ҷиликӯл сохтмони 6 синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми №5 идома дорад.

Зимни ташриф Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва Нишонзода Даврон, раиси ноҳияи Дӯстӣ ташаббуси сокинони деҳаи Ваҳдатро шоистаи таҳсин хонданд.

Дар навбати худ раиси ноҳия гуфт, ки барои таъмини муассиса бо лавозимоти хониш ёрии амалии худро мерасонанд.

ҚУБОДИЁН.

Масъулини Кумитаи иҷроияи ҲҲДТ дар ноҳияи Қубодиён ҷиҳати иҷрои корҳои тарғиботӣ бо мақсади самаранок истифодабарии заминҳои наздиҳавлигӣ, президентӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, захираи маводи хӯрока ва ҳифзу ташаккули тарзи ҳаёти солим дар маҳаллаҳои ноҳия бо усули хона ба хона гардиш доир намуданд.

Зимни суҳбат бо аҳолӣ масъулин дар бораи мақсаднок истифодабарии заминҳои наздиҳавлигӣ аз Паёми Пешвои миллат иқтибосҳо оварда, дар ин баробар оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ ташвиқот бурданд.

ҲАМАДОНӢ.

Бо ибтикори Абдулло Давлатов, раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Меҳнатобод" дар доираи Аксияи ҳизбии "Якҷоя месозем" бо дастгирии шахсони саховатпешаю хайрхоҳи деҳаи Меҳнатобод 2,2 км роҳи байни деҳа мумфарш карда шуд. Корҳои ободонию созандагӣ ба муносибати сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо маром идома доранд

ХОВАЛИНГ.

Замин манбаи асосии таъмини маводи озуқаи мардум аст. Онҳое, ки заминро самаранок истифода мебаранд, барои худ маҳсулоти озуқавориро захира карда метавонанд.

Кормандони Кумитаи иҷроияи ҲҲДТ дар ноҳияи Ховалинг ҳамарӯза ба сокинон оид ба иситифодаи самараноки ҳар ваҷаб замин ва захирасозии маҳсулот суҳбатҳо доир менамоянд, ки самараи нек дода истодааст.

Ҳафтаи равон чунин мулоқотҳои судманд дар деҳаи Ҷомбахти Ҷамоати деҳоти Ҷомбахт доир гардиданд.

ТЕМУРМАЛИК.

Дар ташкилоти ибтидоии “Интернати Танобчӣ” маҷлиси ҳисоботӣ – интихоботӣ доир шуд ва масъалаҳои; ҳисоботи ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолият дар давраи аз моҳи июни соли 2021 то моҳи июни соли 2022 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда; тасдиқи нақшаи кории ташкилоти ибтидои ҳизбӣ барои нимсолаи дуюми соли 2022; интихоби раиси ташкилоти ибтидоӣ; интихоби вакилон ба конференсияҳои ҳисоботӣ-интихоботии ташкилотҳои ҲҲДТ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва масъалаҳои ташкилӣ баррасӣ шуданд.

Дар маҷлис 30 нафар иштирок намуда, бо таклифи иштирокчиён Муҳамадҷон Умаров раиси ташкилоти ибтидоӣ интихоб гардид.

ҶАЙҲУН:

Ҷиҳати иҷрои нақшаи кории Кумитаи иҷроияи ҲҲДТ дар ноҳияи Ҷайҳун бо мақсади татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо иштироки масъулини Кумитаи иҷроияи ҲҲДТ дар ноҳияи Ҷайҳун таъмири роҳҳои кӯчаҳои деҳаи Лоҳутии Ҷамоати деҳоти Истиқлол оғоз ёфт.

Аксияи мазкур бо дасгирии аъзои фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тариқи ҳашар амалӣ гардида, ташаббускорон масоҳати 6 километр роҳи ин деҳаро таъмир карданиянд.

Мавриди зикр аст, ки ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ чунин иқдомҳои наҷиби дастаҷамъона аз ҷониби аъзо ва ҷонибдорони ҲҲДТ дар дигар деҳаҳои ноҳия низ амалӣ гардида истодаанд.

НОРАК.

Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Нозироти андоз” бо иштироки аъзои ташкилот ва масъулини Кумитаи иҷроияи ҲҲДТ дар шаҳри Норак маҷлиси ҳисоботӣ-интихоботӣ доир гардид.

Дар кори маҷлис се масъала – ҳисоботи раиси ташкилот, интихоби раис ва интихоби вакил ба Конференсияи шаҳрӣ баррасӣ шуданд.

Баъди баррасии мавзӯъҳо намояндаи Кумитаи иҷроияи ҲҲДТ дар шаҳри Норак баромад намуда, аз ҷумла иброз дошт, ки дар фаъолияти ҳизбӣ, ҳаракати аъзои ҳизб ва дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои барномавӣ ва оинномавии ҲҲДТ ҳар кадоми мо бояд саҳмгузор бошем.

ТИҶОРАТ УҒУЛОЙРО МУАРРИФӢ НАМУД

Аз таъсисёбии сехи коркарди маҳсулоти ширии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ – “Панири Балх” ҳанӯз 6 моҳ гузашта бошад ҳам, аллакай маҳсулоти истеҳсолии ин коргоҳ дар бозорҳои минтақа ва пойтахти кишварамон харидори худро пайдо намудааст.

Бинобар иттилои муассисони сехи “Панири Балх” дар ин коргоҳ дар як рӯз то 400 литр шир коркард шуда, аз он панир, қаймоқ ва дигар маҳсулоти ширӣ истеҳсол карда мешавад. Панирҳои корхона дар тамоми минтақаҳои вилоят ва шаҳри Душанбе серхаридор буда, айни замон маҳсулоти истеҳсолнамудаи он дар 30 фурӯшгоҳи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва шаҳри Душанбе пешкаши мизоҷон мегардад.

Бинобар гуфтаи Уғулой Абдуллоева, роҳбари сехи “Панири Балх” коргоҳи мазкур, ки дар он 5 нафар бонувони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ фаро гирифта шудаанд, аз моҳи январи соли ҷорӣ инҷониб фаъолият дорад. Дар сехи коркарди маҳсулоти ширии “Панири Балх” аз ҳисоби шири истеҳсолнамудаи хоҷагиҳои чорводорӣ ва шахсони алоҳида 5 намуд маҳсулоти ширӣ истеҳсол карда мешавад.

– Ҳамагуна фаъолиятҳои соҳибкорӣ ба хусус, таъсису ба кор даровардани коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ дар оғоз мушкилиҳои худро доранд, аммо бо гузашти вақт ва аз бар намудани таҷрибаи истеҳсолӣ соҳибкор қадам ба қадам пеш рафта, ба ҳадафҳои пешбининамудаи худ ноил мегардад. Қобили зикр аст, ки дар замони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари мардон бонувони мо ҳам ҷиҳати таъсиси корхонаву роҳандозӣ намудани тиҷоратҳои бузург хушбинона иқдом мегиранд, ки имрӯз бештари онҳо дар самтҳои гуногуни тиҷорату саноати истеҳсолӣ муваффақ гардидаанд, – мегӯяд Уғулой Абдуллоева.

Ба гуфтаи ӯ фазои сулҳу оромӣ дар кишвар имкон фароҳам овардааст, ки бонувони мо дар баробари фаъолнокӣ дар арсаҳои гуногуни хоҷагии халқ ҳамчунин, дар соҳаи савдо ва таъсиси корхонаҳои хурди саноатӣ низ иродаву тавонмандии худро таҷриба намоянд.

Уғулой Абдуллоева дар оилаи деҳқон ба дунё омада, то синни бознишастагӣ дар вазифаҳои гуногуни ҷамъиятӣ кору фаъолият намудааст. Баъди оиладор шудан солҳо ба ҳайси омӯзгор кору фаъолият намуда, замоне, ки соҳиби чаҳор фарзанд буд, ҳамсарашро аз даст медиҳад. Бо амри тақдир барои таъмини рӯзгори фарзандонаш ба шаҳри Душанбе кӯчида солиёни зиёд дар яке аз корхонаҳои коркарди маҳсулоти ширӣ фаъолият менамояд. “Он вақтҳо мо дар хобгоҳ зиндагӣ мекардем, ки бо чор кӯдак мушкил буд. Шабона панир омода карда, аз субҳи барвақт дастранҷи худро ба фурӯш мебаровардам. Баъдан барои ман дар яке аз бозорҳои маҳаллӣ нуқтаи савдо ҷудо карданд” – ба хотир оварад ӯ.

Баъди он ки фарзандонаш таҳсилоти миёнаи умумиро хатм карданд, ӯ дубора ба зодгоҳаш ба ноҳияи Ҷ. Балхӣ баргашта, дар он ҷо фаъолияти худро идома медиҳад.

Пас аз баргаштан ба ноҳия ӯ дар вазифаҳои пурмасъулият кору фаъолият менамояд. Аз ҷумла, солҳои 1989-1999 дар вазифаи муовини раис ва баъдан ба ҳайси раиси Ҷамоати деҳоти “Туғаланг” ҳоло “Ҳалевард”-и ноҳия кор кардааст. Ҳамзамон, Уғулой солҳои зиёд роҳбарии Иттиҳодияи истифодабарандагони оби ноҳияро бар зимма дошт. Ба ин вазифа ӯро сокинони ноҳия пешбарӣ намуда буданд ва давоми фаъолияти роҳбарӣ дар ин ҷода боварии мардумро сазовор шуда буд. Дар он давра бо роҳнамоии ин зани кордон аз 134 гектар замини беоб 247 гектари он тарқи насосҳои обкашонӣ бо об таъмин шуда, мардум соҳиби заминҳои корам гардиданд.

Пеш аз кушода шудани коргоҳи мазкур Уғулой Абдуллоева дар хонааш панир ва дигар маҳсулоти ширирро омода мекард. Аз сабаби набудани таҷҳизоти муосири панирпазӣ ӯ нахуст ширро дар дегҳои калон пӯхта, пас аз он дар қуттиҳои махсус онро бастабандӣ намуда, пешкаши харидорон менамуд. Баъдан, дар ҳамкорӣ бо шариконе рушд ба коргоҳ таҷҳизоти муосири коркарди шир ворид гардида, ҳамакнун, дар ин корхона моҳе то 15 тонна ширро коркард мекунанд. Уғулой назди худ мақсад гузоштааст, ки бо васеъ намудани доираи фаъолият теъдоди бонувон дар коргоҳ бештар шаванд.

– Мо маҳсулоти хоми ширро аз сокинони маҳал харидорӣ менамоем. Дар солҳои пеш аз сабаби набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти ширӣ мардум маҳсулоти хоми ширро ба маркази ноҳия бурда мефурӯхтанд. Ҳамакнун, бо кушода шудани ин корхона фурӯши шир барои сокинон осон гардид, – иброз медорад Уғулой Абдуллоева ва ҳамчунин илова кард, ки – барои ҷалби бештари муштариён мо тасмим гирифтаем дар оянда аз ҳисоби коргоҳ як нақлиёти ширкашонӣ харидорӣ намоем, то маҳсулоти сокинонро аз назди хонаашон харидорӣ намоем.

Мавриди ба ёдоварист, ки бо такмили маҳорату таҷрибаи истеҳсолии коргарони сехи коркарди маҳсулоти ширии “Панири Балх” метавон истеҳсоли даҳҳо навъ маҳсулоти хушмазаву бозоргирро ба роҳ монд. Аз ин рӯ, масъулони коргоҳи мазкур тасмим доранд, ки бо дастрас намудани таҷҳизоти коркарди зардоби шир истеҳсоли нӯшобаҳои газноки парҳезиро низ ба роҳ монанд.

Уғулой Абдуллоева мегӯяд, ки айни ҳол дар коргоҳи онҳо танҳо занону духтарон ба кор ҷалб шудаанд. Зимни ба кор қабул намудани ҷавондухтарон нахуст онҳо ба бозомӯзӣ фаро гирифта шуда, нозукиҳои кор дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворирро азбар менамоянд. Ба гуфтаи ӯ дар ҳолати васеъ намудани доираи фаъолияти истеҳсолӣ боз 30 нафар занону духтарони хонанишин бо кор фаро гирифта хоҳанд шуд.

Бо мурури таҷрибаандӯзӣ дар ин ҷода мушкилиҳои зиёдеро паси сар намудаем ва муваффақиятҳо бо заҳмати шабонарӯзӣ ба даст омадаанд. Бо шарофати ҷаҳду талошҳо дар самти рушди саноати коркарди шир фарзандонам низ касбу ҳунарҳои нав омӯхта, имрӯз дар паҳлӯи ман қарор доранд ва итминони комил дорам, ки дар замони баҳрабардорӣ аз давлати пирӣ фарзандонам ҷойи маро пура мекунанд.

Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ,
“Ҳамрози халқ”

АНГУР ВА ХОСИЯТИ ШИФОИИ ОН

Ангур маълум аст, ки ин самари дарахти ток мебошад. Беҳтарини он пухтарасида ва ширини он аст. Мизоҷаш гуногун аст, бинобар ранг ба ранг будани навъҳои он. Мутлақан пухтаи он дар дараҷаи якум гарм ва тар аст, баъзеҳо бисёр ширини онро то дараҷаи дувум гарм донистаанд.

Ангур беҳтарини меваҳо ба ҳисоб меравад ҳамчун ғизо ва пайдо кардани хуни солим. Мизоҷҳои ғализро ба эътидол меоварад, хунро соф мекунад, моддаҳои савдовӣ ва сӯхтаро аз бадан дафъ месозад. Ҳоли бади узвҳои даруни сина ва шушро ислоҳ менамояд, баданро фарбеҳ мегардонад. Агар онро макида оби онро биошоманду пӯсташро партоянд, чарбии гурдаро зиёда мекунад. Вале хӯрдани ин ба меъдаи тармизоҷ ва боднок зарар дорад ва инчунин дар он бодро ба амал меоварад – давои ин зиёнаш зира ва арпабодиён хӯрдан аст. Ва агар дар ҷигар ва сипурз гиреҳ пайдо шуда бошад, низ зиён мекунад, ба қулинҷи бодӣ ва гурда низ зарарнок аст. Дар ин мавридҳо тухми карафс бихӯранд, кифоя аст, ки ислоҳи зарар намояд. Инчунин, дарунро мулоим ва хӯрандаашро ташна мекунад - дар ин ҳолат сиканҷабин ва ғизоҳои турш истеъмол бояд намуд.

Агар ангур хӯрда, аз болояш оби хунук бинӯшанд, бағоят зарарнок аст. Мумкин аст ба иллати истисқо ва табҳои бадбӯ гирифтор намояд. Бояд, ки ангурро баъди аз дарахташ ҷудо кардан дарҳол тановул накунанд, балки як-ду рӯз истода бошад, баъд бихӯранд ва инчунин мобайни ду таом, ки таоми аввал хӯрдашуда ҳазм ёбад, баъд онро бихӯранд. Ангури нав бодангез аст. Агар пӯсти он андак пажмурда гардад, баъд бихӯранд, дар ғизоият қавитар мешавад назар ба анҷир, бодаш ҳам кам мебошад. Баданро қувват мебахшад, фарбеҳ мекунад, хуни солимро зиёд менамояд. Моддаҳои нодаркор ва зарарнокро пазонида, барои дафъ шудан муҳайё месозад. Дарунро мулоим мекунад, барои беморони нимҷон ва ба касони аз беморӣ навхеста ва инчунин таби хунуки доимӣ гирандагон фоида дорад.

Оби ангур зуд нуфузкунанда ва ба тезӣ аз меъда гузаранда аст, барои бемориҳои узвҳои даруни сина ва шуш бисёр фоидабахш аст ва бояд оби онро макида, пӯсташро бипартоянд.

Мавиз, хусусан мавизи тоифӣ барои меъда, ҷигар, гурда ва ҳичак мувофиқтар мебошад. Агар ангур баъди аз сараш чидан ду рӯз монда бошад, онро ва ё мавизашро бардавом бихӯранд, дардҳои меъда, рӯдаҳо ва хичакро шифо мебахшад.

Аз ангур равған ҳам тайёр мекунанд ба ин усул. Оби ангурро бо равғани зайтун якҷо ҷӯшонида, обаш бухор шуда равад, баъд равғанро соф карда мегиранд. Ин равған бағоят гармкунандаи бадан, таҳлилдиҳандаи моддаҳои ғафс, гардонандаи варамҳо ва мулоимкунандаи пӯст аст. Мизоҷи тухми ангур дар дараҷаи дувум сард ва хушк аст. Мизоҷи пӯсти меваи ангур дар дараҷаи якум хунук ва хушк аст. Агар инро бихӯранд, аз меъда дер фуруд меояд, бод пайдо мекунад. Пӯсти меваи ангурро сӯхта, ос карда бипошанд, пӯсти баданро ҷило медиҳад, рутубатҳои чашмро хушк мегардонад ва аксари захмҳоро дар ҳар як узве, ки бошанд, хушк месозад.

Ангури хом ва ғӯраи он дар таъм тунҷ ва мизоҷаш хунук мебошад. Хӯрдани ангури сурх, ки нисбатан турштар аст, аз меъда дер мефурояд, вале ба меъда қувват мебахшад. Аммо навъи сафеди он латиф ва аз меъда ба зудӣ поён фуруд меояд. Хокистари чӯби токро бихӯранд, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Агар инро гузошта банданд, варамҳои аз сардӣ башад таҳлил медиҳад, дарди сар, дарди нимсар ва бавосирро шифо мебахшад.

Гирдоваранда
Зебо БОЗОРОВА,
аз “Канзи Шифо”

ПИСТАИ ХУРОСОН КОРКАРД ВА СОДИРОТ МЕШАВАД

Коркарди ашёи хоми писта бо таҷҳизоти муосир аввалин таҷриба дар ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон аст. Ин таҷҳизот кори хоҷагидорон ва онҳоеро, ки тоза ба тиҷорат оғоз карданд, осон намудаат. Акнун пистаи ноҳияи мазкур бо сифати баланд коркард шуда, дар бозору мағозаҳои дохил ва хориҷ аз кишвар пешкаши харидорон хоҳад гашт.

АЗ ДЕҲҚОНӢ ТО СОҲИБКОРӢ

Барно Қодирова аз ҷумлаи занони муваффақ дар Ҷамоати деҳоти Қизилқалъаи ноҳияи Хуросон аст, ки кори худро аз кишоварзӣ оғоз карда, акнун ба тиҷорат роҳ пайдо кардааст. Бо дастгирии шарикони рушд соҳиби 9 таҷҳизоти муосири коркарди писта гардид. Мегӯяд, акнун ашёи хоми пистаро мутобиқ ба стандартҳои бозори ҷаҳонӣ коркард ва бастубанд намуда, ҳам дар дохил ва ҳам берун аз кишвар ба фурӯш мебарорад.

Барно Қодирова роҳбари хоҷагии деҳқонии «Сафар Солиҳев» мебошад. Хоҷагии деҳқонии мазкур соли 2019 таъсис дода шудааст. «Дар замини хоҷагии деҳқонӣ гандуму шолӣ, пахта ва дигар зироату полезӣ кишт мекунем. Инчунин 107 гектор пистазор дорем. Аз баски имсол соҳиби таҷҳизоти коркарди писта шудем, нақша дорем, ки 1000 гектори дигар пистазорро тариқи шартнома ба иҷра мегирем», – мегӯяд Б. Қодирова.

Ин зан ҳамасола дар баробари маҳсулоти хеш аз дигар хоҷагидорон ашёи хоми пистаро харидорӣ мекард ва ба ҳудуди 40 оила тақсим карда, пистаро аз пучоқаш ҷудо менамуданд ва ҳаққи корашонро пардохт мекард. Дар як сол ҳудуди 10 тонна пистаро бо даст коркард карда, дар бозору мағозаҳо ба фурӯш мебаровардand.

«Коркарди писта бо даст осон нест, занҳо ҳамроҳи фарзандонашон бо сангу болға шикаста, мағзро аз пучоқаш ҷудо мекарданд. Гоҳо қисми маҳсулот хароб мешуд. Яъне ҳангоми шикастан мағзи пистаро бо санг зада, майда мекарданд. Акнун кор бо таҷҳизот тамоман осон ва қулай мебошад», – ироа дошт ӯ.

МАҲСУЛОТИ Б.ҚОДИРОВА ХАРИДОР ПАЙДО КАРД

Барно Қодирова дар барҳе аз мағозаҳои калони шаҳри Душанбе пистаҳои бастубандшудаи дигар кишварҳоро вомехӯрд ва орзу дошт, ки рӯзе маҳсулоташ бо сифати аъло ва бренди тоҷикӣ омода шуда, ба хориҷи кишвар содирот шавад. Тариқи интернет тарзи коркарди пистаро дар хориҷи кишвар дида будand, вале тавони харидани чунин таҷҳизотро надоштанд. Ӯ бо кумаки як ҳамсояш ба омӯзишҳои Лоиҳа оид ба рақобатпазирии агробизнес дар Тоҷикистон пайваст ва фаъолӣ нишон дода, соҳиби таҷҳизоти муосир гардид.

Дар Форуми байналмилалии содиротии “Бохтар фуд – 2022”, ки санаи 25-майи соли равон дар шаҳри Бохтар доир шуд, даҳҳо соҳибкор маҳсулоти хешро ба намоиш гузоштанд. Дар ин форум маҳсулоти коркардшудаи Барно Қодирова харидор пайдо кард. «Аллакай бо тоҷирони афғонистонӣ дар мавриди хариду фурӯши писта гуфтушунид кардем. Онҳо маҳсулоти моро хуб қабул карданд ва гуфтанд, ки таъмаш аз пистаҳои дигар кишварҳо фарқкунанда аст. Ташкили чунин форумҳо дар рушд додани кори мо соҳибкорзанон ва муаррифӣ шудани маҳсулоти ватанӣ мусоидат мекунад», – мегӯяд соҳибкорзан.

БА УСУЛИ БОБОЙ ХОТИМА ДОДАНД

Бо гузашти солҳо дар вилояти Хатлон сафи соҳибкорзанон афзуда, онҳо бо истифода аз имконоти мавҷуда дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва афзун намудани буҷаи давлат саҳм мегузоранд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2022—2026-ро «Солҳои рушди саноат» эълон карданд. Аён аст, ки бо рушд ёфтани соҳаи саноат дар мамлакат ҷойҳои корӣ холӣ зиёд шуда, ҳаҷми маҳсулоти саноатии коркардшуда низ меафзояд.

Моҳи марти соли равон бо дастгирии шарикони рушд як гурӯҳ соҳибкорзанони минтақаи Бохтари вилояти Хатлон барои таҷрибаомӯзӣ ба вилояти Суғд рафта, ба фаъолияти корхонаҳои саноатии онҷо аз наздик ошно шуданд. Қаҳрамони матлаби мо Барно Қодирова яке аз онҳоест, ки баъди таҷрибаомӯзияш дар Суғд корашро равнақ бахшида, 8 нафарро ба кор таъмин кардааст. Мегӯяд, ки то дастрас кардани таҷҳизот дар як сол то 10 тонна ашёи хоми пистаро бо усули бобой коркард мекарданд. Акнун имкон доранд бо таҷҳизот дар як шабонарӯз то як тоннаро коркард намоянд.

«Имсол ният дорем, ки на танҳо аз ноҳия, балки аз дигар минтақаҳо ашёи хом харидорӣ карда, коркард намоем. 9 адад таҷҳизот аст, ҳар яки онҳо кори худро анҷом медиҳанд. Аллакай мутахассисон омада, тарзи истифодабарии онҳоро ба мо нишон доданд», – гуфт Б. Қодирова.

ИҶРОИ ДАСТУРИ РОҲБАРИ ДАВЛАТ

Ноҳияи Хуросон аз ҷумлаи ноҳияҳое дар вилояти Хатлон аст, ки майдони пистазорҳояш зиёд мебошад. Хоҷагидорон дар доираи имкониятҳои худ пистазорҳои нав бунёд карда, ҳаҷми маҳсулотро сол ба сол зиёд карда истодаанд.

Мусоҳиби мо Барно Қодирова 5 фарзанд дорад. Ҳарчанд онҳо соҳиби кори хеш ҳастанд, вале дар мавсими ҷамъоварии писта ба модар кумак мерасонанд. Оилаи Қодировҳо дар Ҷамоати деҳоти Қизилқалъаи ноҳияи Хуросон дастури Роҳбари давлатро сармашқи кори худ қарор дода, талош доранд, ки соҳаи саноатро рушд диҳанд ва мардумро бо кор таъмин намоянд.

Амонҷон Муҳиддинов,
“Ҳамрози халқ”

Вазъи ҳаво дар вилояти Хатлон барои ҳафт рӯз

Дурустии миёнаи пешгӯиҳои ҳаво 80-85% аст.

Сарчашма: www.sinoptic.com

14 июл	15 июл	16 июл	17 июл	18 июл	19 июл	20 июл
+25° +41°	+26° +43°	+27° +42°	+27° +44°	+28° +45°	+29° +46°	+29° +46°

Эзоҳ: Маълумот мутобиқ ба маркази вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар манзур шудааст. Фарқият дар ҷанубу ғарби вилоят (водиҳои Айвоҷ) 7-12 ва дар ҷанубу шарқи он (водиҳои Муъминобод) 10-14 дараҷа нисбат ба иттилои мазкурро ташкил медиҳад.

ДОДАМРО БА КӢ ГӮЯМ?

Дар шабу рӯзҳое, ки овозаи хайру саховатмандиҳои соҳибкорону сарватмандон сомонаҳои иҷтимоиро фаро гирифтааст, дар яке аз маҳаллаҳои маркази вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар бонуи муштипаре дар вазъияти ниҳоят вазнин қарор дорад.

Маҳбуба Талбакова, сокини кӯчаи Баҳори шаҳри Бохтар бо як фарзанди 15 сола ва ду бародари маъюбу бемори бистарӣ дар ҷойи харобаҳои манзили истиқоматиашон зисту зиндагонӣ доранд. Тавре худ вазъи рӯзгорашро қисса мекунад, онҳо зиндагӣ на, балки фақат нафас мекашанд, ба умеди дарёфти роҳи наҷот аз ҳолу аҳволе, ки имрӯз ба сар доранд. Ба гуфтаи Маҳбуба ҳамсари бародараш аз асари ҳоли хонадону сахтиҳои рӯзгор гирифтори бемории рӯҳӣ шуда, ҳоло дар Маркази бемориҳои рӯҳӣ бистарӣ асту тифлаки маъсуми ӯро барои парастorӣ ба хешовандонаш супориданд.

Ин харобазоре, ки дар сурат намоён аст, боқимондаи хоку масолеҳи фарсудаи сохтмонии яке аз қадимтарин манзилҳои истиқоматии шаҳри Бохтар аст, ки аз боду боронҳои 70 сола газанд ёфта, ҳамакнун, масъулони мақомоти марбута идомаи зиндагиро дар ин “хокдон”-и таърихӣ иҷозат надоданд. Ҳамин сон, Маҳбуба Талбакова бому дару тирезаҳои иморати фарсудаи аз бобокалонашон мерос мондаро бо дасту панҷаҳои худ канда, ҳолиё, ҳар рӯз бо қадри зӯру тавоне дорад, девори онро ба замин яксон мекунад.

Аз суҳбат бо бонуи дар гирдоби мушкилиҳо уфтода маълум гардид, ки ӯ солиёни зиёд дар фақру бенавоӣ зиндагӣ дошта, акнун, охирин сарпаноҳашон - хонаи дар ҳолати садамавӣ қарордоштаро тахриб намуда, худ дар як хаймаи рӯз гарму шаб торик ба сар мебаранд. –Бинобар фарсудагии бому дару девори кафидаи манзили истиқоматиамон мақомоти марбута идомаи зиндагиро дар он хатарнок арзёбӣ намуданд. Аз ин сабаб, бо ёрии ягона даст-ёр-писари 15 солаам, инак, ду моҳ боз манзили аҷдодии худро канда истодаем. Алъон ки тобистон аст, гарму торик ҳам бошад дар хайма тоқат карда мешавад, аммо намедонам, ки баъди фасли тирамоҳ аҳволи мо чӣ мешавад, – буғзи гиря дар гулӯ аз рӯзу рӯзгорони ба сараш омада қисса мекард Маҳбуба.

Баъди аз даст додани ҳамсари худ Маҳбуба бо заҳмати фаррошӣ рӯзгори худу писари ятимашро пеш мебарад. Дар ин миён бародаронаш гирифтори бемориҳои гуногун шуда, яке бо нишонаҳои саратони шуш, дувумӣ аз асари бемории рӯҳӣ бистарӣ гардидаанд, ки нигоҳубину парастории онҳо низ ба уҳдаи ӯст. Бо ин ҳама рӯзҳои сахту фоҷиаҳои дар зиндагӣ паси сар намудааш, ҳоло ҳам бо сабру таҳаммулпазирӣ ва умедворӣ ба иноятиОфаридгор дар пойи худ рост истодаву барои таъмини рӯзгори пайвандони бемораш ва ҳалли дигар мушкилиҳои оилавӣ, гоҳе барои муроҷиат кардан роҳ сӯи мақомоти маҳаллиро пеш гирифта, гоҳе дар ба дари мардум машғули иҷоракорист.

– Аз санаи 10-уми январи соли равон инҷониб қариб ҳар ҳафта барои кумакпурсӣ ба унвонии роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар мурочиат менамоям. Дар ин давра бо дастури раиси шаҳр мудири шуъбаи меъморӣ Валиҷон Ятимзода ва мудири шуъбаи дин танзими анъана ва ҷашну маросимҳои шаҳри Бохтар ба суроғам омада, 500 сомонигӣ кумак расониданд, аммо барои сохтмони лоақал ду ҳуҷраи хурдакак камаш 6-7 ҳазор сомонӣ лозим меояд, ки намедонам ба кучо мурочиат намоям, – изҳор медорад Маҳбуба Талбакова. – Шукри Худо дар ҷамъяти мо инсонҳое низ ҳастанд, ки дасти сахо сӯи одамони бечораву нисёзманд дароз карда, то ҳадди имкон дар ҳалли мушкилиҳои зиндагии бемору дармондаҳо ёрии инсондӯстонаи худро мерасонанд. Шахсан бо тавсияи яке аз дӯстони оила ба Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар мурочиат намудам. Аллакай дар рӯзи дуввум роҳбари он Неъматулло Иброҳимзода ба суроғи мо омада, ҳолу аҳволи оилаи моро дида, дар баробари ин як миқдор кумаки молӣ ваъда доданд, ки минбаъд низ то ҳадди имкон дар бунёди хонаамон бо мо мадад хоҳанд шуд.

То имрӯз раиси маҳалла аз ҳолу аҳволи мо хабар гирифта, ҳатто ба як дӯсти писарам, ки дар кандани харобаҳои манзиламон ба мо ёрӣ мерасонад, ҳар рӯзе 50 сомонӣ ҳақмузд ваъда кардааст. Мутаассифона, аз асари гармиҳои аввали моҳи июл писарам, ки дар хонаканӣ дастёрам буд, офтобгир шуда, ҳоло бемори бистарӣ аст. Айни замон дар мушкилтарин вазъият қарор дошта, илова бар он ки хонаи зист надорем, аз чор се узви оила фақат ман дар пойи худ рост истода, бачаву бародаронам ҳамагӣ бемори бистарӣ мебошанд. Падари ман як умр дар Комбинати орди шаҳри Бохтар заҳмат кашида, ҳамеша андози обу, замину хонаи истиқоматиамонро пардохтааст ва ин анъанаро мо низ солиён идома медиҳем. Аммо дар ин шабу рӯз аз масъулон хоҳиш дорам, ки як муддат аз хонаводаи мо пули истифодаи барқу оби ошомиданӣ ва дигар хизматрасониҳои коммуналиро талаб нанамоянд, зеро имрӯз шароити зиндагиамон ба ҳоле табоҳ аст, ки дар ҳолатҳои баланд шудани таби бадани писарам лоаққал як доруи “парацетамол” намеёбам, ки ба ӯ диҳам.

Лоақал ҳамсарам мебуд ва ё бародаронам солиму бардам мебуданд, ман ба ин ҳад хориву зориро намедидам, ки наход модари тоҷик ба хотири як бурда нон ё талаби як халта сементу дигар маҳсулот дар ба дари мардум ва идораву ташкилотҳо талбандагӣ намояд, – гирёну нолон қисса кард Маҳбуба Талбакова.

Маҳбуба Талбакова ба ҳайси фаррош 470 сомонӣ маош мегирад, ки он ҳам барои табобати пайвандони бемораш масраф мешавад. Гоҳе фурсат ёфта, ба хотири ягон миқдор маҳсулоти ғизоӣ ё сару либосу дигар лавозимоти зиндагӣ дар хонаҳои ҳамсояву маҳаллаҳои атроф иҷоракорӣ мекунад. Ягона хоҳишу таманноаш аз мақомоти маҳаллӣ ин аст, ки барои сохтмони манзили истиқоматӣ ба ӯ дасти кумак дароз намоянд, зеро бо фаро расидани мавсими боришоту фасли сармо ӯ ва писару ду бародарони бистариаш дигар ҷойи рафтан надоранд.

Ҷамолиддин УСМОНИЁН,
рӯзгоманигор,
Адиба Нодирова, коромӯзи
“Ҳамрози халқ”

Модар барои дидани писараш ба маҳали таҳсили ӯ, яъне ба шаҳр омада буд. Ӯ дар онҷо мутаваҷҷеҳ шуд, ки писараш бо як ҳамсабақаш, ки духтари зебое буд, дар як утоқ зиндагӣ мекунанд. Коре аз дасти модар бар намеомад ва аз тарафи дигар утоқи писарш тоза ва мураттаб буд. Ӯ ба робита миёни он ду сахт диққат медод, то асли ҳолро пай барад. Писар, ки фикри модарашро пай бурда буд, гуфт:

– Ман медонам, ки шумо чи фикр мекунед, аммо ба шумо итминон медиҳам, ки ман бо он духтар фақат ҳамутоқему бас.

Ҳудуди як ҳафта баъд духтар ба писар гуфт:

– Аз вақте ки модарат аз инҷо рафт, қанддони нуқрагини ман гум шудааст, шояд онро модарат бардошта бошад?

Писар дар ҷавоб гуфт:

– Хуб ман шак дорам, аммо барои итминон ба модарам мактуб хоҳам навишт.

Писар дар мактуби худ навишт:

– Модарҷон, ман намегӯям, ки шумо қанддонро аз утоқи мо бардоштаед ва дар зимн намегӯям, ки шумо онро набардоштаед, аммо воқеият ин аст, ки аз рӯзе шумо ба деҳа баргаштед, қанддони нуқрагини мо гум шудааст.

Рузи баъдӣ писар як мактуб бо ин мазмун аз модараш дарёфт кард:

– Писари азизам, ман намегӯям, ки ту бо он духтар робита дорӣ ва дар зимн намеӯям, ки ту бо он ҳеҷ робитае надорӣ, аммо воқеият ин аст, ки агар ӯ дар рахти хоби худаш мехобид, ҳатман қанддонро пайдо мекард.

Аз саҳифаи
фейсбукии дӯстон

ЯТИМИ ҶАБРДИДА Ё ПИРИ ХИРАД

Шоев Тошмуҳаммад Ҷонмаҳмадович 25-уми июли соли 1924 дар ноҳияи Балҷувон ба дунё омадааст. Соҳиби 11 фарзанд ва набераву абераҳои зиёд аст. Бобои Тошмуҳаммад дар тӯли умри пурбаракати хеш шоҳиди воқеаҳои чанд даврраи таърихи Тоҷикистон гаштааст.



Ӯ аз моҳи сентябри соли 1947 ба хизмати ҳарбӣ даъват шуда, ду сол дар Ҷумҳурии Қазоқистон хизмат мекунад. Оташи Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ дар соли 1947 хомӯш шуда бошад ҳам, аммо ҳазорон тан ҷавонмардон аз ҷумла,фарзандони шарафманди Тоҷикистон, ба хотири бартараф кардани ҳисороти ҷанг чанд соли дигар дар кишварҳои гуногуни Ғарб хизмати ҳарбиро идома додаанд.

Бобои Тошмуҳаммад ҳанӯз аз овони кӯдакӣ ба заҳмати заминкорӣ дилбастагӣ дошта, аз овони наврасӣ ба ҳайси ҳисобчии хоҷагӣ ва ҳамчун анборчӣ шуда кор кардааст. Ҳамчунин, баъдан вай 5 сол ба ҳайси вакили ноҳияи Фархор фаъолият бинмудааст.

Бобои Тошмуҳаммад аз кӯдакиву ҷавонии худ бо таассуф ёдовар шуда, иброз медорад, ки дар 4 солагӣ аз модар ва дар синни 7 аз падар маҳрум гаштааст. Шояд ранҷу азияти овони кӯдакӣ ҳоло ҳам аз зеҳнаш зудуда нагардидааст, ки дар аснои суҳбат аз ман хоҳиш кард, ки: “фарзанди азизам, агар чизе дар бораи ман навиштан мехоҳӣ сарсухани онро ятими ҷабрдида номгузорӣ бинмо...” Агар аз як сӯ ин таъкиди пирамард далели лаҳзаҳои фаромӯшнопазири айёми кӯдакии вай бошад, аз ҷониби дигар тааҷҷубовар буд, ки нафаре аз синни 100 сол боло масъалаи матлабҳои матбуотиву назокати сарлавҳагузориро матраҳ мекунад.

Дарвоқеъ, мусоҳиби мо инсони хирадманду соҳибмаърифатест, ки дар баробари такмили донишу маҳорат тӯли умри пурбаракати хеш фарзандони донишманду солеҳро тарбия ва ба воя расонидааст.

– Худам, ки ятим калон шудам, ранҷи гуруснагиву ташнагиро чашидаам, аҳд гузошта будам, то ҳеҷ гоҳ фарзандонамро хору зор нахоҳам кард. Аз ин рӯ, ҳамеша онҳоро насиҳат мекунам, ки дар фикри бори гарони зиндагӣ нашуда, илму дониш андӯхтанро дар мадди аввал гузоранд. Орзу доштам, ки фарзандонам ҳамчун инсонҳое ба воя бирасанд, то ба ҷамъият нафъе расонида, миёни мардум иззату обрӯ дошта бошанд. Албатта, онҳое, ки ба халқу Ватани хеш содиқона хизмат менамоянд, ба мақому мартабаи шоистае мерасанд.

Ҳамин роҳнамоиҳоии падар буд, ки имрӯз фарзандонаш Шермуҳаммад Шоҳиён, раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шоҳин Абдусаттор, генерал, муовини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва писари сеюмаш дар ноҳия хоҷагии деҳқонӣ дошта, ҳар кадоме аз онҳо дар ҷодаҳои интихобнамудаи хеш бо заҳмату фаъолияти содиқона соҳибэҳтиром гардидаанд.

Ба гуфти ин пирамарди хирадманд агар ҳар падару модар роҳнамои фарзандони худ дар зиндагӣ бошанд, аз насли ояндаи кишвари мо метавон умеду интизориҳои зиёд дошт, ки онҳо Ватанро ободу барои халқи он ва наслҳои ояндаи кишвари худ зиндагии шоистаеро фароҳам меоваранд.

Зеро дар баробари илму донишандӯзӣ инсон бо шарофати роҳнамои худ дар зиндагӣ ба қуллаи мурод расида метавонад. Ҳамчунин, рафтору кирдору пиндори зодмандон намунаи ибрат барои фарзандони ӯ шуда метавонад. Ин марди ҳаким бо таъкид ба се нуқтаи муҳим ояндаи фарзандон ва наслҳои ояндаи онҳоро дурахшон мебинад: хизмати падару модар, дарёфти луқмаи ҳалол ва меҳнати содиқонаву софдилона ба халқу Ватани хеш.

Бобои Тошмуҳаммад тинҷиву амонӣ ва пешравию гулгулшукуфоии Тоҷикистонро аз баракати заҳматҳои шабонарӯзии Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳ-тарам Эмомалӣ Раҳмон ва фарзандони баномуси миллат медонад. Аснои суҳбат атрофи хизматҳои шоёни фарзандони фарзонаи миллат дар масири давлатсозӣ мӯйсафед ду каф сӯи қибла боз намуда, ниёиш намуд: “Худовандо, Роҳбари давлати моро дар паноҳи худ нигоҳ дор, ба халқи мо тинҷиву осудагӣ, дастрахони пур аз неъматҳои худро ато фармуда ба якояки мо тани сиҳату вақти хушро насиб гардон”.

Дарвоқеъ, дунёи гузарон ғанимат асту ҳар дам ғанимат аст ва одам ғанимат. Аз ин лиҳоз, новобаста аз оне ки умри дароз мебинем ва ё хайр, бояд кореро ба сомон расонид, то ба нафъи ҳамагон бошад. Инсон тавре бояд зиндагӣ намояд, ки баъдан мардум номи варо ба некӯӣ ба ёд ованд. Бобои Тошмуҳаммад аз зумраи он нафаронест, ки дар умри пурбаракати хеш фарзандони барӯмандро тарбияву ба воя расонидааст. Ба гоҳи айёдати падар соатҳо аз суҳбатҳои дилнишину панду андарзҳои ӯ баҳравар шуда, насиҳати қиблагоҳи хешро шиори худ дар зиндагӣ медонанд, ки; “муҳимтарин рисолати инсон дар зиндагӣ хизмат ба халқу Ватани хеш ва саҳме дар рушду пешрафти ҷомеаи худ гузоштану фарзандон ва наслҳои ояндаро дар рӯҳияи ватандӯстиву инсонпарварӣ тарбия намудан аст”

Саёҳат ҒУЛОМОВА, омӯзгори кафедраи рӯзноманигорӣ ДДБ ба номи Носири Хусрав

ХАЗИНАИ МУШАК

Фасли тирамоҳи зарнисор, чӣ фасли зебое ҳаст! Дар ин фасл марди деҳқон вақти зиёдтарашро дар саҳро барои таъмини зиндагӣ мегузаронад. Ӯ дар ин айём аз пайи ғунучини ҳосили бо арақи ҷабини чанд моҳҳо парвариш намудааш мешавад. Натиҷаи меҳнату заҳмати дар ду фасли сол намудаашро дар ин фасл мебардорад.

Тамоми мардуми заҳматкаши водӣ, баҳри сари вақт ҷамъ намудани зироати парваридаи марди деҳқон ба саҳро баромада, меҳнат мекарданд. Ҳаракат мекарданд, ки дар якҷоягӣ ҳосили ғалладона, ба монанди гандум, наск, мош, лӯбиёву нахуд ва кунҷиту зағири бо умед коштаашонро бе талаф аз замин бардоранд. Он солҳо аз як тараф ба мардуми заҳматкаши водӣ, касофатиҳои ҷангҳои шаҳрвандӣ зарар дода бошад, аз тарафи дигар, замини бе доруву пору мондаи хоҷагӣ ба марди деҳқон ҳосили хуб намедод. Аммо мардуми меҳнатқарини деҳот ба ҳосили ками гирифтаашон қаноат карда, ба даргоҳи Ломакон шукргузорӣ менамуданд.

Дар он деҳа, Рашид-амаки осиёбчӣ ном шахс низ зиндагӣ мекард. Он кас бо обҷувози дар лаби соҳили шаршараи деҳ сохтаи худ ба мардуми корафтода хизмати софдилона менамуд. Зиндагии ӯ низ ба мисли зиндагии мардуми маҳаллии водӣ бечораҳолона мегузашт, зеро ки ӯ дар тарбияи худ ғайри фарзанду фарзандони падараш боз ҳашт нафар ҷиянҳои аз хоҳаронаш ятимгаштаро ҳам ба воя мерасонд. Ӯ ятимакони хоҳаронашро дар якҷоягӣ бо модари пираш баробари фарзандонаш нигоҳубин менамуд.

Рашид-амак зағиру кунҷид ва чигитҳои пахтаи овардаи мардуми маҳалларо бо ҷияну фарзандонаш аз осиёбаш гузаронида, равғану кунҷора карда медод. Чи миқдоре, ки мардум ҳаққи хизматашро пардохт менамуданд, ба он қаноат мекард. Гӯё ин байт бевосита ба ӯ таълуқ дошта бошад:

Дарёдилему дидаи мо маъдани дурр аст,
Гар дасти мо тиҳист, вале чашми мо пур аст!

Ҳамин некиҳояш буд ё зиёдтар заҳматкашиҳояш, ки Худованди бузург, ризқи ӯро бо туфайли як мушаки ғурурдор расонид...

Гулрӯ ном ҷияни Рашид-амак, ҳар рӯз нисфирӯзӣ барои наздикони дар осиёб будааш таом меовард. Гоҳ-гоҳе шоҳиди як воқеае мегашт. Дар аввалҳо Гулрӯ аз он чизи ба мушоҳида гирифтааш сахт метарсид, зеро мушаки оддиеро медид, ки дар равшании офтоб аз худ акси ҷилое мебароварад. Ба қавле мушак дар назари ӯ ба мисли рӯҳ менамуд. Рафта-рафта ба он махлуқча одат карда монд.

Ба Гулрӯ аниқ маълум шуд, ки дидааш мушаки оддие ҳаст. Бародару фарзандони тағояшро аз он огоҳ намуд. Аммо аз тарафи онҳо хандаву мазоқ шунида, дигар аз дидааш ба касе чизе намегуфт. Ҳамин тавр чанд муддат аз шоҳид шудан ба воқеаи дидааш ба касе гап назад...

Гулрӯ дар як дасташ таому дар дасти дигараш чойники чойро гирифта, шитобон ба тарафи осиёб меомад. Ногоҳ дар ҳамон ҷойи доимӣ мушакро болои санге дид, ки аз ҷилои зардии бадани сермӯйи худ ба атроф як нури ғайриоддие медод. Ӯ каме дар ҷояш истода бо диққат назар карда, дар ҳақиқат муши оддиро медид. Муше, ки барои худро дар назди ҳамҷинсонаш ҳайбатнок нишон додан, бадани равғанини худро ба тилло молишдода, бо як ғурур аз сӯрохии хонааш баромада, болои харсанги зери офтоб хазида, дар рӯйи он харсанг ором мехобид.

Гулрӯ ба осиёб даромад, таомро ба дасти бародараш дод ва аз тағояш хоҳиш намуд, ки бо ӯ ҳамроҳ шуда, аз осиёб берун шаванд, то ӯ низ шоҳиди воқеаи дидааш гардад ва ҳақиқат будани суханашро ба дигарон исбот намояд.

Рашид-амак дунболи ҷиянаш аз осиёб баромад. Ӯ як-як қадам партофта ҳамроҳи ҷиянаш аз пушти харсанг рафта мушакро диданд. Мушак то ҳол наҷунбида, танаи худро зери шуаҳои тассфонӣ офтоб ниҳода, аз худ ҷилое медурахшонид. Рашид-амак бо ишорае ҷиянчаи сенздаҳсолаи худро фаҳмонд, ки ҳеҷ касро огоҳ накарда, ором роҳи хонаро пеш гирад.

Рашид-амак дар ҳамон ҷо ба мисли гурба камин гирифта, ба рафтори мушак бо диққат назорат мекард.

Мушак хуб аз нури хуршеди тирамоҳӣ баҳравар шуд, ки бо як кибру ғурур оҳиста-оҳиста роҳи сӯрохии кулбаашро пеш гирифт. Рашид-амак номаълумакак аз дунболи муш назар намуда, бо як масофае чун гурба чи тавре мушро таъқиб мекарда бошад як-як қадам партофта, роҳ мерафт. Мушак, ки деворро сӯрох намуда, дар қабати бинои осиёб ба худ лонае сохта буд, баъди оромии атрофро мушоҳида намудан дохили он шуда рафт.

Рашид-амак барои аниқ намудани хазинаи муш коре накарда, ба даруни бинои осиёб даромаду аз пушти шуғли доимиаш гардид, аммо дар фикри он буд, ки мушаки дар болои тилло хобидаро ёфта, хазинаашро бардорад. Чанд рӯз аз байн гузашт. Ногоҳ мушакро дид, ки аз зери сӯрохии фарши осиёб берун шуд. Рашид-амак барои аниқ муайян кардани он, ки ҳамон муш аст ё дигар ҷонзоде, худро ба тилло мемолад ё не, номаълумакак аз наздиконаш пинҳонӣ ба муш ва ҳаракатҳои он диққати махсус медод.

Мушак баъди берун шудан аз сӯрохӣ аввал дар болои похсадевори афтида қарор гирифт. Ӯ бо ду пойи қафояш рост истода, чаҳор тарафро бо ҳарос аз назар мегузаронд. Вақте ки ба осудагии худ итминон ҳосил кард, рост назди латтаҳои равғанолуди аз ҷувози осиёб тоза намуда рафт. Ӯ худро бо пуррагӣ ба латтаи равғанолуд молид. Баъди аъзои баданаш шип шилтаи равғанолуд шудан боз ба сари похсаи девори афтида баромаду каме истода, ба ҳама ҷониб дуру дароз назар афканд. Сипас ба самти сӯрохӣ ҳаракат кард...

Рашид-амак оҳиста аз дарвоза берун шуда, ин тарафу он тарафи беруни ҳавлиро аз назар гузаронид, аммо мушакро надид. Аз дур ба болои ҳамон харсанг чашм давонд, ки мушак дар он ҷо низ нест. Ӯ ҳис намуд, ки лонаи мушак зери девори осиёб мебошад...

Мушак, вақте, ки танааш қадре хушк гардид, дохили лонааш рафта, худро хуб дар болои тилло молиш дод. Ӯ оқибат аз сӯрохии қафои девори осиёб баромада, болои теппачае қарор гирифт. Чун дафъаи аввал ӯ болои ду пойи қафояш рост истода, чаҳор тарафро бо як ғурури худписандона аз назар мегузаронд. Вақте ки ҳама ҷоро тинҷу ором дид, барои аъзои бадаанашро офтоб додан шитобон ба тарафи ҳамон харсанг рафт...

Рашид-амак, ки дар пушти теппа камин гирифта буд, оромона ба мушак назорат мекард. Ба ӯ аниқ шуд, ки кони хазинаи мушак зери девори осиёб ҷойгир будааст. Ӯ бо фарзанду ҷиянҳояш сӯрохии мушак-ро канда-канда, дону ғаллаҳои захира намударо ҷамъ карда, ба халта меандохт. Аммо кандани кони мушакро бо амри Рашид-амак идома медоданд. Онҳо ба кони хазинааш расиданд. Аз он ҷо як тангаи тиллои замони Николай ва ду халтачаи резаҳои тиллоро ёфта гирифтанд.

Рашид-амак аз захираи бадастовардааш шароити хонаи худ ва наздиконашро хело ҳам хуб гардонид. Ҷияну фарзандони ба балоғат расидаашро соҳиби хонаву дар ва молу ҳол намуд. Худованд ба Рашид-амак аз ҳисоби сахигиву пуртоқатиаш ин давлатро арзонӣ намуд. Аммо мушаки ғурурдошта ҳам хазинаву ҳам ҷонашро аз даст дод.

Абдумалик ҲАКИМОВ,
устоди ДДБ ба номи Носири Хусрав

БИЁ БИХАНДЕМ!



Зани Афандӣ доим ба ӯ рашк мекунад. Ҳар вақте Афандӣ аз кор меояд, либосҳои ӯро тафтиш мекунад, ҳар вақте аз ӯ мӯйи саре меёбад бо ӯ ҷангу ҷанҷол оғоз мешавад. Ҳар рӯз аҳвол ҳамингуна идома меёфт.

Як рӯз Афандӣ пеш аз хона омадан тамоми сару либоси худро аз назар гузаронида, дилпур мешавад, ки имрӯз аз ҷангу ҷанҷоли занаш халос аст.

Зан либосҳои Афандиро чун ҳамарӯза тафтиш мекунад, ки чизе нест. Оташи рашкаш паст нашуда, мегӯяд:

– Ҳа рӯзат ба беваҳои кал монд чӣ?

* * * *

Яке аз бойҳо тӯй карду барои хабар кардани қозикалон Мушфиқиро фиристод. Вақте ки Мушфиқӣ ба ҳавлии қозикалон бе таклиф даромада омад, қозикалон оташин шуда ба вай гуфт:

- Магар аз даргоҳи бой ягон одам ёфт нашудааст, ки барои хабар кардани ман ту барин харро фиристодааст?

Мушфиқӣ чавоб дод:

- Тақсир, бойбобо ҳамаи одамхоро барои хабар кардани одамҳо фиристоданду лекин маро барои хабар карданӣ шумо!

Аз саҳифаи фейсбукии дӯстон

Ҷавоби сканворди ҳафтаномаи №25

	Р	А	ҳ	И	М	О	В		Г	И	П	С		В	А	Р	З	И	Ш
					У		А		А			А		О					
Т					Р	А	С	А	Н			К	ӯ	ҳ					Н
А					Д		К		Д	А	Р	С		И					А
Ъ					А	С	О	Т	И	Р		О	Р	Д					З
Р	А	С	М	А	Н			А		М	А	Н		О	Р	Д	О	Б	А
И		А		Р		Ш	А	Ш	К	А		И	Ш	В	А		М		Р
Х	А	Й	Ё	М		И		Н		Н	И	Я	Т		Ш		О		О
		Ё		А	М	О	Н	А	Т	ӣ			А		К	О	С	О	В
Ч		Р		Д	У	Р		Л			Т	А	Б	У		О		ғ	
О	М	А	Д	А	Н		М	А	Р	К	А	З		С	А	Н	ҷ	О	Б
Р					А	ҷ	А	Б	О		Р	У	С	Т					О
И					ҷ		Й		Т	И	Б		Т						қ
Е					ҷ	У	М	Ъ	А		У	қ	О	Б					И
В					И		У		Р	И	З	О		Т					Е
А		Ш	О	ҳ	М	А	Н	С	У	Р		қ	А	Р	А	Б	О	Е	В

СКАНВОРД

ТАВАҶҶУҲ! ҒОЛИБРО ТУҲФА ИНТИЗОР АСТ!

Ҳар нафаре, ки аввалин шуда сканвордро дуруст пур карда, ба суроғаи дар поён дарҷшуда ё тариқи почтаи электронии info@hkhdtkhatlon.tj расонад, соҳиби туҳфа мешавад. Шахси ғолиб дар саҳифаи фейсбукии ҳафтаномаи "ҲАМРОЗИ ХАЛҚ" низ муаррифӣ мегардад.

Аммо ба ҳар нафар имконияти дар як моҳ як маротиба иштирок дар озмун дода мешавад.



Ҳамрози халқ

Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

Аз соли 2003 нашр мешавад. Таҳти рақами 627 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Маҳмадалӣ Акрамов**

Ҳайати мушовара: **Қурбон Ҳакимзода,** раиси вилояти Хатлон, **Фирӯза Шарифӣ**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Миралиён Қиёмиддин,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Зебо Бозорова, Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Аҳлиддини Муборакшоҳ** рӯзноманигор**, Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-02-11**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **www.hhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hkhdtkhatlon.tj**

Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Шарқи озод» бо теъдоди **19700** нусха нашр шуд.